«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________________
«17» ____________________ 2023 с.

*ХУЛОСАИ*

*ҷаласаи муштараки кафедраҳои "Баҳисобгирии бухгалтерӣ" ва "Таҳлили иқтисодӣ ва аудит" -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба баррасии диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит*

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин соли 1999 факултети Баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори ДМТ аз 4-уми январи соли 2017, №468-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор қабул карда шуда, онро бо фармоиши ректори ДМТ аз 31.12.2020, №535-05 хатм намудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Абдулмуминзода Н.А. унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ санаи 18.04.2018 бо баҳои аъло, таърих ва фалсафаи илм санаи 12.12.2019 бо баҳои хуб ва аз фанни тахассус санаи 15.03.2023 бо баҳои аъло супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

Калемуллоев Мунир Вахидович - д.и.и., и.в. профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Бобиев Исмоил Атоевич - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Тоҳирова Раҷабмоҳ Сафаровна - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар рафти ҷаласа масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд:

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ" дар замони ташаккули низоми босамари баҳисобгирӣ ва аудит муҳим буда, аз ҷиҳати назария ва амалия яке аз пажӯҳишҳои нав дар илми муосири ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ислоҳоти низоми ватании баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ рушди муносибатҳои бозорӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад.

Дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи сеюми ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба модернизатсия ва рушди устувори ин соҳа нигаронида шудааст. Барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд, ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ меафзоянд, заминаи қонунгузорӣ такмил ёфта истодааст, ки ин умедвории онро ба бор меорад, ки дар солҳои наздик нерӯи соҳаи кишоварзӣ хеле афзоиш хоҳад ёфт ва ҳиссаи ин соҳа дар ММД-и кишвар ба таври назаррас афзоиш хоҳад ёфт.

Аз ин рӯ, рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ки ба баландбардории самаранокии истеҳсолот ва дигар фаъолияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар шароити рақобат, коркардабароии механизмҳои қабули қарорҳои мувофиқи идоракунӣ, аз ҷумла ҷиҳати идоракунии хароҷот ва арзиши аслӣ дар соҳаи растанипарварӣ нигаронида шудааст, аҳамияти хосаро касб менамояд.

Бисёр муҳим будани такмилдиҳии низоми идоракунии истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, муайян кардани моҳият ва нақши низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, нокифоягии донишҳои назариявӣ ва ташкилӣ ва методологии таъминоти баҳисобгирӣ ва таҳлилии идоракунии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ба таври кифоя омӯхта нашудани ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии таъмини ҳисобгирӣ–таҳлилии идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ сабаби интихоби мавзӯи кори диссертатсионӣ ва доираи масъалаҳои дар он баррасишаванда гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосири иқтисодӣ бунёд намудани стратегияи идоракунии корхонаҳои бахши кишоварзӣ метавонад барои баромадан аз вазъи бӯҳронии иқтисодиёти миллӣ, баландшавии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат намояд.

Зарурати асосноккунии назариявӣ ва ҳалли ташкилӣ-методии масъалаҳои зикргардида аз муҳимӣ ва мубрамии мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** амалияи пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ интихоб шудааст. Таҳлили нисбатан амиқи илмӣ-амалӣ дар ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** рушди асосҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар заминаи Феҳристи шиносномаи соҳаи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, тайёр шудааст. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси **08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит** мутобиқ аст: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.10. Назария ва методологияи буҷасозӣ; 1.13. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес – ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо).

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Амнияти иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, №702, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор», Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи Рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯри асалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, инчунин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии ҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлил дар субъектҳои иқтисодии хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ҷиҳати татбиқи навгониҳои илмии диссертатсия санади тадбиқ мавҷуд аст, ки тибқи он натиҷаҳои илмӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии идоракунӣ», "Баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаҳо" "Баҳисобгирии молиявӣ", «Таҳлили идоракунӣ», «Таҳлили комплексии иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ», «Таҳлили истеҳсолӣ», «Таҳлили стратегӣ», «Таҳлили иқтисодӣ», «Иқтисоди кишоварзӣ», «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ»

дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудааст. (Санади тадбиқ аз 14. 02. 2023, №154-1/дс).

Ҳамзамон, бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор барои татбиқ қабул шудааст, аз 6.02.2023, №29/08).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ зоҳир меагадад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Абдулмуминзода Н.А. дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ" ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, консепсияи назарияи иқтисодӣ, менеҷмент, иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ, корҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба назария, методологияи баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар асоси маълумотҳои ибтидоӣ, таҳлилӣ ва таркибии баҳисобгирӣ, ҳисоботҳо ва лоиҳаҳои корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллиф коркард шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро услубҳои системавӣ ва равиявӣ ба омӯзиши масъалаҳо, усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқот аз қабили таҳлил, синтез, моделсозӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои мушоҳида, муқоисакунӣ, асосноккунӣ, монографӣ, хулосабарории маводҳои назариявию амалӣ ифода мекунанд. Истифодаи маҷмуи усулҳои мазкур эътимоднокии натиҷаҳои омӯзишро таъмин мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар кор карда баромадан ва асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳияи равишҳои методӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди методикаи ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ба натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, инҳо мансуб мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявию методии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуда, равишҳои консептуалӣ оид ба ифшои мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардид. Ҳамзамон, таъиноти низоми баҳисобгирии идоракунӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии босамари субъекти иқтисодии кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотии он пешниҳод карда шуд;

➢ таснифоти хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунӣ ба ҷо оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф оид ба беҳтар намудани таркиб ва муҳтавои моддаҳои хароҷот, методикаҳои баҳодиҳии хароҷоти меҳнатӣ ва моддӣ, ки аз методикаҳои қаблӣ бо равишҳои нав оид ба таркиб, муҳтаво ва пайдарпайии ҷойгиршавии моддаҳои хароҷот, муайянкунии қиматҳои меъёрии онҳо бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ фарқ мекунанд, манзур карда шуданд;

➢ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ омӯхта шуда, равишҳои методию амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатӣ, муайянкунии фонди музди меҳнат, методикаи баҳисобгирии идоракунии захираҳои истеҳсолӣ, баҳодиҳӣ, истифодабарӣ, ҳаракати дохилӣ ва харҷи онҳо дар равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ таҳқиқ шудаанд, тавсияхои амалӣ барои дар ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ инъикос намудани маълумот таҳия шудаанд.

➢ моҳияти иқтисодии объектҳои воситаҳои асосӣ ва таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуда, самтҳои асосии пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ тавсия дода шудааст, равишҳои нави ҳисобкунӣ ва соқиткунии истеҳлок барои пурра барқарор кардани онҳо коркард карда шудаанд. Ҳамчунин равишҳои методии ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ ва ҳолати воқеии онҳо бо ёрии ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод карда шудааст;

➢ дар асоси таҳлили хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ҷанбаҳои методии таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот асоснок карда шуда, самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои истеҳсолии он дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шудаанд;

➢ барои корхонаҳои кишоварзӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар заминаи гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи аломатҳои гуногун таҳия карда шудааст, ки ба баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти ҷудогона мусоидат мекунад;

➢ методикаи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард ва асоснок карда шудааст, ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулияти алоҳида ҳамчун қисматҳои асосии корхонаи кишоварзӣ равона шуда, имконияти самаранокии назорати идоракунии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд;

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия мақолаҳо дар сатҳи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд, ироа гардидаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 1 монография (10 ч.ч), 17 мақола (дар ҳаҷми 8,7 ч.ч. нашр гардидааст) аз инҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида

1. Абдулмуминзода Н.А. Методология и организация бюджетирования на предприятиях сельского хозяйства Республики Таджикистан [текст] / А.Н. Абдулмуминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 3. – С. 13-20.

2. Абдулмуминзода Н.А. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода, Манучеҳри Н.Р. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1 (77). – С. 130-149.

3. Абдулмуминзода Н.А. Ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №6. – С. 5-12.

4. Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №5. – С. 14-19

5. Абдулмуминзода Н.А. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях [текст] / К.Х. Хушвахтзода, А.Н.Абдулмуминзода // Финансовая экономика. – 2020. – №8 (часть 3). – С. 350-354.

6. Абдулмуминзода Н.А. Классификация затрат в стратегическом управленческом учете на сельскохозяйственных предприятиях [текст] / К.Х. Хушвахтзода, А.Н.Абдулмуминзода // Финансовая экономика, – 2020. –№7 (часть 3). – С. 257-261.

7. Абдулмуминзода Н.А. Ташаккули баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] / А.Н.Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №3. – С. 9-16.

8. Абдулмуминзода Н.А. Дороиҳои биологӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии корхонаҳои кишоварзӣ [матн] / А.Н. Абдулмуминзода, Н. Хасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7 – С. 112-117.

9. Абдулмуминзода Н.А. Особенности учета скидок и возврата товаров в современных условиях [текст] / А.Н. Абдулмуминзода, Б.Х. Каримов // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №6. – С. 11-16.

10. Абдулмуминзода Н.А. Особенности бухгалтерского и налогового учета сомнительной дебиторской задолженности [текст] / А.Н. Абдулмуминзода, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/8. – С. 86-90.

### II. Монографияи илмӣ

**II.** Абдулмуминзода Н.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Монография / А.Н.Абдулмуминзода. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 160 с.

### III. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо

12. Абдулмуминзода Н.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [матн] / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир» (28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023 – С. 12-15.

13. Абдулмуминзода Н.А. Управленческий контроль в системе управленческого учета [текст] / А.Н.Абдулмуминзода, Ф.Дж. Зокирова // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов Центральной Азии.– Бишкек, 2022. – №31 (38).– С. 30-35.

14. Абдулмуминзода Н.А. Баҳисобгирии боздошткуниҳо аз музди меҳнат [матн] / А.Н.Абдулмуминзода / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мавзӯи «Мукаммалгардонии фаъолияти молиявӣ – қарзӣ ва низоми андозбандӣ: назария, методология ва ҷанбаҳои амалӣ» (13 – уми апрели соли 2019). – Душанбе: ДСХ, 2019. – С. 415-421.

15. Абдулмуминзода Н.А. Хусусиятҳои баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ [матн] / А.Н.Абдулмуминзода / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мавзӯи «Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ» (30-юми марти соли 2019). – Душанбе, Нури Кайҳон, 2019. – С. 21-24.

16. Абдулмуминзода Н.А. Переход на МСФО в Республике Таджикистан [текст] / А.Н.Абдулмуминзода, А.Босалимов / Материалы научно-теоретической конференции коллектива преподавателей, аспирантов и студентов института, посвященной инициативам Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмон», Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития 2018-2028» и «Года развития туризма и народных промыслов» на тему: «Вопросы применения науки и развития национальной экономики» (20 апреля 2018 г.).– Душанбе: Паёми ошно, 2018. – С. 54- 56.

17. Абдулмуминзода Н.А. Хусусиятҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз [матн] / А.Н.Абдулмуминзода, М.Б.Каримиён / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо». (1-2- декабря 2017г.). – Душанбе: ДСХ, 2017. – С. 146 – 151.

18. Абдулмуминзода Н.А. Зарурати пешбурди баҳисобгирии бахшӣ ва тардибдиҳии ҳисоботи бахшҳо [матн] / А.Н. Абдулмуминзода / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои ҳисобгирӣ, таҳлил, аудит, омор, кибернетикаи иқтисодӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт» бахшида ба 75-солагии доктори илмҳои иқтисод, профессор Уроқов Д.У. – Душанбе: ДМТ. – 2017. – С. 129- 133.

Пас аз баррасии диссертатсияи Абдулмуминзода Н.А. дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ" дар ҷаласаи муштараки кафедраи "Баҳисобгирии бухгалтерӣ" ва кафедраи "Таҳлили иқтисодӣ ва аудит" - и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда аз ҷониби муқарризон, барои қабул ва ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 27 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 20 нафар, аз онҳо 3 нафар д.и.и., профессор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

– “тарафдор” – 20 нафар
– “зид” – нест
– “бетараф” – нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои “Баҳисобгирии бухгалтерӣ” ва “Таҳлили иқтисодӣ ва аудит” - и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми марти соли 2023, суратҷаласаи №09 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**мудири кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ** **Давлатзода М.Х.**

**Котиб:**
**ассистенти кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ** **Сироҷев Ш. З.**

Имзоҳои, Давлатзода М.Х., ва Сироҷев Ш.З. – ро тасдиқ мекунам.

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**«17» 03. 2023 с.**